# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.**

Автореферати диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна ба таҳқиқи осори яке аз чеҳраҳои саршиноси адабиёти даврони истиқлол, ки бо фаъолияти пурбори худ дар равандҳои ташаккули шеъри имрӯзи тоҷикӣ саҳси муносиби хешро гузоштааст, Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб бахшида шудааст.

Диссертатнт мавзуъро ба се боб ва фаслҳо ҷудо намуда, ин масъалаҳоро бо низоми муайян ва пай дар пай ба риштаи тадқиқ кашидааст. Вай масъалаҳои назариявӣ ва амалии шеърро омӯхта, дар асоси он осори Муҳаммад Ғоибро баррасӣ кардааст. Ба таъкиди Муҳаммад Ғоиб шоири донишман, соҳибзавқ, навгаро ва таъсиргузор мебошад. Тарғиби ғояҳои пешқадами ватандорӣ, худшиносӣ ва худогоҳӣ дар меҳвари эҷодиёти шоир қарор доранд. Шоир ҳамчунин дар интихоби мавзуъҳои мубраму рӯзмарра низ хеле муваффақ аст.

Раҷабалиева Ш. дар рафти таҳқиқи мавзуъ ба мақолаву тақризу гузоришҳои танқидии донишмандон Табаров С., Кӯчарзода А., Раҷабӣ М., Имомзода М., Раҳмонзода Ш., Сафар У., Қосимзода С., Хатлонӣ С., Саидов С., Нарзиқул М., Шеърдӯст Алиасғар, Ориён Шамсулҳақ ва дигарон таваҷҷуҳ намуда, нақду баҳодиҳии ононро ба гардиши илмӣ ворид кардааст ва перомуни муҳтавои ҳар яке аз он мақолот назари хешро иброз доштааст.

Раҷабалиева Ш. он мақсаду вазифаҳое, ки дар тадқиқи мавзуъ дар назди худ гузоштааст, муваффақона бо далелҳои мушаххас иҷро карда, ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гаштааст. Хулосаи таҳқиқро диссертант дар бандҳои мушаххас нишон дода, ки вобаста ба бобу фаслҳои дахлдори диссертатсия ба 12 адад расидааст.

Автореферати диссертатсияи Раҷабалиева Ш. бо забони шевои илмӣ таълиф ёфтааст, Мақолаҳои чопкардаи диссертатнт муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос кардаанд. Дар ниҳояти автореферат аннотатсия бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда шудааст, ки ин низ бар аҳаммияти таҳқиқот далолат мекунад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар матни автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар аён гаштанд, ки зикри онҳоро барои беҳбуди кори баъдии диссертант зарур мешуморем:

1. Фасли «Корбурди орояҳои адабӣ дар ашъори шоир» (саҳ.29-33) бо афкори умумӣ тавзеҳ шудааст. Дар ин фасл овардани намунаҳои ашъори М.Ғоиб, ки бо санъатҳои истиора, кинояву маҷоз, муболиға ва ғайра ороиш шудаанд, муҳимтар ба назар мерасад.

2. Истифодаи маъмули истилоҳи фасл, дар ҷо-ҷои автореферат ба истилоҳи зербоб бадал шудааст (саҳ.15).

3.Ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва китобатӣ дар баъзе саҳифаҳои автореферат ворид шудаанд, ки ислоҳи онҳо мувофиқи матлаб хоҳад буд.

Ҳамаи он камбудиҳое, ки, ки ин ҷо таъкид гардид, ба муҳтавои умумии автореферати диссертатсия халал ворид намекунад ва маҷмӯан ислоҳпазиранд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст, комилан мувофиқ аст ва диссертант сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна

«15» декабр соли 2025

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, маҳ. Н.Ҳувайдуллоев 9 /12
Тел: (+992) 985250258

Имзои Мирзоева М.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатов М.А.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«15» декабр соли 2025

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, маҳ. С.Сафров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: +992 (3322) 2-35-06;
E-mail: info@kgu.tj